# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046

дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба кори диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ
аз “1” марти соли 2023, №4

**“Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич “.**

Диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 -Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ барои ҳимоя санаи 20.12.2022 сол, суратмаҷлиси №9 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1) қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 31 марти соли 2022).

Мавзӯи кори диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар маҷлиси Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” тасдиқ шудааст. (Протоколи №02 аз 28.09.2021 с.). Диссертатсия дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети техникӣ ва технологии МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав” ба ҳимоя тавсия гардидааст (суратмаҷлиси №4 аз 26.11.2022 с.)

**Роҳбари илмӣ:** Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи алгебра ва геометрияи факултети математикаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

**МУКАРРИЗОНИ РАСМӢ:**

**Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** –доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Қобилов Валӣ Абдураҳимович -** н.и.п. дотсенти кафедраи таҷҳизот ва технологияи мошинсозии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”** дар тақризи худ аз 09.01.2023, суратмаҷлиси № 9, ки

онро мураттиби тақриз, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкории МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” Самиев Т.А., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” Мансурова Ҷ.С., котиби ҷаласа Қаландаров З.С. имзо карда, онро сардори РК ва КМ МДТ “ДДОТ ба номи Садриддин Анйнӣ” Мустафозода А тасдиқ карда, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намудааст, ки дар замони муосир ба масъалаи истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими фанҳои мухталиф, ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ҳам дар муассисаҳои олии касбӣ диққати бештар дода мешавад, чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи татбиқ намудани технологияҳои нав дар ҳамаи зинаҳои таълим қарор дорад. Инчунин, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир яке аз ҳадафҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯро мубрам ва муҳим ҳисобидан мумкин аст.

Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Рисолаи илмии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич кори тадқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад

Диссертант аз рӯи мавзӯи диссертатсия 19 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз он 11 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия тавсияшуда ба табъ расидааст.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тадқиқшаванда:

[1-М]. Махмадалиев, Э.Ш. Вопросы повышения технических знаний будущих учителей технологии [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №3-5. – С. 201-203. ISSN: 2074-1847.

[2-М]. Махмадалиев, Э.Ш. О роли инновационных технологий в подготовке будущего учителя технологии в кредитной системе обучения [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев, Ф.Р. Муродов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2017. – №1-4(49). – С. 188-191. ISSN: 2663-5534.

[3-М]. Маҳмадалиев, Э.Ш. Омӯзиши усулҳои интихоб ва истифодабарии таҷҳизоти муосири техникӣ дар устохонаҳои таълимӣ [Матн] / Э.Ш. Маҳмадалиев, С.С. Абдуллоев, Ф.Р. Муродов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №1-1(51). – С. 145-147. ISSN: 2663-5534.

[4-М]. Махмадалиев, Э.Ш. Конвергентный подход в системе школьного образования Республики Таджикистан [Текст] / Э.Ш. Махмадалиев, Мирзоев М.С. // Современный учёный. – Москва, 2019. – №5. – С. 56-61. ISSN: 2541-8459.

[5-М]. Махмадалиев, Э.Ш. Социализация учащихся при обучении элективного курса «Информационная безопасность личности» [Текст] / М.С. Мирзоев, Э.Ш. Махмадалиев, З.З. Тагоев // Учёные записки ИСГЗ. – Москва, 2019. №1. – С. 326-331. ISSN: 2078-6980.

[6-М]. Маҳмадалиев, Э.Ш. Баъзе маълумот оид ба тарзи тарҳрезиҳои дизайнерӣ [Матн] / Э.Ш. Маҳмадалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №1-3(65). – С. 217-220. ISSN: 2663-5534.

[7-М]. Маҳмадалиев, Э.Ш. Равандҳои омӯзиши технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Ш. Маҳмадалиев, Н.Р. Бобокалонов, Н.Р. Раупов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №1-4(68). – С. 167-170. ISSN: 2663-5534.

[8-М]. Махмадалиев, Э.Ш. Методические подходы модернизации школьного курса информатики [Текст] / М.С. Мирзоев, Э.Ш. Махмадалиев, З.З. Тагоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №1-4(68). – С. 189-191. ISSN: 2663-5534.

[9-М]. Махмадалиев, Э.Ш. О роли информационно-технологических дисциплин в подготовке будущих специалистов (русӣ) [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №1-1(83). – С. 132-134. ISSN: 2663-5534.

[10-М]. Маҳмадалиев, Э.Ш. Омӯзиши конвергентии технологияи касбӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълими фанни технология [Матн] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Маҳмадалиев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №3(68). – С. 180-184. ISSN: 2077-4974.

[11-М]. Маҳмадалиев Э.Ш. Омӯзиши технологияи барномаи амсиласозии COMPASS 3D дар омодакунии омӯзгорони фанни технология [Текст] / Э.Ш. Махмадалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №1-4(92). – С. 62-67. ISSN: 2663-5534.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи 1.** Аз доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон **Лутфуллоев М.**

**Тақризи 2.** Аз Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Сайфитдинович Осимӣ **Сафаров М.М.**

**Тақризи 3.** Аз мудири кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент **Саидзода И.М.**

**Тақризи 4.** Аз мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи маводҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, доктори фалсафа PHD (аз рӯи ихтисоси физика) **Парвинаи Усмони Сафарзода.**

Интихоби **муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-046, аз «20» декабри соли 2022, №9 мувофиқи талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– методҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар асоси низоми супоришҳои тавсифи техникидошта муайян карда шуданд;

– принсипҳои низоми супоришҳо ҷиҳати инкишофи тамоюли техникии донишҷӯён бо мақсади омодакунии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуданд;

– маҷмӯи супоришҳо ҳангоми таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ барои омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) мавриди таҳия қарор ёфт;

– амсиласозии компютерӣ мутобиқ ба методологияи таълими конвергентии фанни технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар раванди омӯзиши истифодаи таҷҳизоти муосир мушаххас карда шуд;

– вобаста бо тағйирёбии шакли таълим, роҳҳои коркарди барномаҳои мушаххаси таълимӣ дар асоси методҳои азхудкунӣ ва истифодаи технологияҳои муосир ҳангоми таълими конвергентии тенология (таълими меҳнат) ва ТИ муайян гардиданд;

– бо дарназардошти талаботҳои муосир дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати баланди касби омӯзгорӣ, омодагӣ ба қабули қарорҳои мустақилона, тавоноии дифои мавқеъ ва нуқтаи назари худ, масъулият дар бобати натиҷа ва ҳалли фаъолиятҳои касбӣ-техникӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:** натиҷаҳои ҳосилшуда барои рушди ҷанбаҳои назариявии таълими конвергентии фанҳои технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ саҳми назаррас мегузорад. Раванди истифодаи таҷҳизоти техникӣ ва модулҳои барномавӣ дар низоми таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ таҳия шуда, нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ асоснок гардидааст.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки:** дақиқияти натиҷаҳои таҳқиқот ва мувофиқати он ба қоидаҳои методию назариявии таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ таъмин карда шуда, мафҳуми мантиқии он дар раванди таҳқиқот муайян гардид. Натиҷаҳои таҳқиқот дар марҳилаҳои дар боло зикршудаи корҳои таҷрибавӣ ба даст омада, дар асоси таҳлилҳои сифатӣ ва рақамӣ, ки имкони хулосабарории умумиро ифода мекунад, тартиб дода шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:** аз таҳияи шароит ва меъёрҳои асосӣ барои интихоби мундариҷаи таълими конвергентӣ, таҳияи маводи таълимӣ, таҳияи амсилаи таълимии «Таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ» барои омӯзгорони ояндаи технология иборат буда аз он муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) тайёр мекунанд, истифода бурда метавонанд.

**Саҳми шахсии диссертант бо он муқаррар мешавад, ки аз ҷониби ӯ:**

мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадастовардашуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Диссертатсия масъалаҳои асосии ҳадафҳои таҳқиқот - аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи усулҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бо истифодаи технологияи муосир иборат мебошад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар, аз онҳо 7 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 8 нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ –нест,

бюллетенҳои беэътибор -нест

Шӯрои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 1 марти соли 2023 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ҳимояи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба инобат гирифта шавад.

2. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шӯро (“тарафдор”-8 нафар, “зид”-нест, “бюллетенҳои бекоршуда”-нест), диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба талаботи пешгузоштаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ҳисобида шавад.

3. Хулосаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар мувофиқа бо Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, қабул карда шавад

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шӯроро тасдиқ намояд ва ба Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

Раиси Шӯрои диссертатсионии
6D КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
профессор Азизов А.А.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионии
6D КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
д.и.п., дотсент Абдуллоева М.А.

01.03.2023 с.